ХУЛОСАИ

комиссияи коршиносони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

1. Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муайян намудани роҳу усулҳои таъсиррасон ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва рушди кӯдакони имконияташон маҳдуд, дахолати фаъоли аҳли ҷомеаро дар бар мегирад. Таҳқиқи мавзуи мазкур ба ташаккул ва такмили меъёрҳои назариявии таҳсилоти фарогир, ки ба шароитҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва педагогии Тоҷикистон мувофиқанд, мусоидат мекунад. Ин метавонад ба таҳияи моделҳои нави фарогир, ки ба эҳтиёҷоти хосаи кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва раванди иҷтимоишавии онҳо нигаронида шудаанд, оварда расонад.

Аҳамияти амалӣи кор имкон медиҳад, ки мушкилоти мушаххасе, ки дар роҳи фарогирии кӯдакони дорои имконияти маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуданд (аз қабили норасоии кадрҳои соҳибтахассус, норасоии инфрасохтор, норасоии барномаҳои таълимӣ ва методҳои мувофиқ, ва ҳамчунин бархӯрди ҷомеа ба ин кӯдакон), муайян ва барои ҳалли онҳо роҳҳои самараноки педагогӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод шаванд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ иҷро

шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 05.10.2026, №10/1).

Дар хулосаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 35 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мебошад.

Арзиши илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ба такмили дониш дар соҳаи педагогикаи махсус ва педагогикаи фарогир дар Тоҷикистон мусоидат мекунад. Он метавонад барои таҳияи курсҳои таълимӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва дигар маводи илмӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои фарогирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакон нигаронида шудаанд, асос гузорад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқотро асосҳои бунёдӣ ва методологии проблемаи мазкур тавассути омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла, педагогӣ, равоншиносӣ, тиббӣ, истифодаи роҳу усулҳои пажӯҳиш, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, мукоисаи натиҷаҳои бадастомада ҳангоми корҳои санҷишӣ-озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати

омӯзгор ва ҳайати дастанадаркорон ва мутахассисони дар корҳои таҷрибавӣ иштирокдошта таъмин кардаанд.

Шумораи интишороти довталаб дар 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 6 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи банди 31 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднoки натиҷаҳои таҳқиқот далелнокии хулосаҳои назариявӣ, таҳияи методикаи таҳқиқот, истифодаи методҳое, ки ба моҳияти падидаи мавриди омӯзиш мувофиқат мекунанд, таъмин шудаанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи коршиносони диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Маҷидова Бибиҳафиза** - профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассисаи шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи коршиносон диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) таҳлилу баррасӣ намуда,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи коршиносон муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-

таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Маҷидова Бибиҳафиза - профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- **Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассисаи шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Ба сифати муассисаи пешбар **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.
номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

03.11.2026

Имзои Каримзода М.Б., Котибова Ш.П., Туронов С.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.